**Агар волидон ба мактаб мурочиат карда, чавоби рад гиранд, бояд ба шуъбаи маорифи ноҳия мурочиат кунанд, он чо ухдадор ҳастанд, ки фарзандашонро ба яке аз мактабҳои ноҳия дохил кунанд.**

Дар баъзе ҳолатҳо ҳангоми қабули бача муаллимон бо ӯ суҳбат мекунанд ва онҳо дар кадом синф таҳсил кардани ӯро муайян месозанд. Агар бо сабаби нағз надонистани забони русӣ бачаро ба синфи поёнтар қабул кунанд, ҳеҷ гап нест.

Ҳуҷҷатҳое, ки барои кӯдакистон ва мактаб зарур мебошанд (аслӣ ва нусхаҳояшон):

- шиносномаи бача ва яке аз волидонаш;
- шаҳодатномаи таваллуди бача;
- корти муҳоҷирати бача ва яке аз волидонаш;
- огоҳнома дар бораи сабти муҳоҷират (регистратсия)-и бача ва яке аз волидонаш (дар он ноҳияе, ки бача ба мактаб ё кӯдакистон меравад);
- корти тиббии бача, ки то ҳол бо худ дорад;
- маълумотномаи тиббии 026 ва сертификат дар бораи эмкуниҳо (дар клиникаҳои бачагона пулакӣ тайёр карда мешавад);
- парвандаи шахсии бача аз мактаби пешинааш (агар пештар таҳсил карда бошад).

Маъмулан, инчунин тарҷумаи дар нотариус тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳо бо забони русӣ, баъзан полиси тиббии бача талаб карда мешавад.

Агар яке аз волидон шаҳрвандии ИИАО (ЕАЭС) ва шартномаи меҳнатӣ дошта бошад, сабти ном (регистратсия)-и бачаро бо ин асос ба муҳлати амали шартномаи меҳнатӣ дароз кардан мумкин аст.

Авторы-составители: Якимов А.Н., Хлызова Д.В.
Редактор: Панич Б.Л.

*Буклет «Медицинская и социальная помощь. Образование детей. Социальная и культурная адаптация. Советы трудовым мигрантам» (на таджикском языке).*

*Разработан БФ «ПСП-фонд» в рамках проекта «Школа мигранта. Добро пожаловать в Ленинградскую область!» Комитета по местному самоуправлению, межнациональным и межконфессиональным отношениям Ленинградской области.*

БФ «ПСП-ФОНД»



Барои гирифтани маълумот дар бораи мактабҳо ва кӯдакистонҳои вилояти Ленинград, инчунин фиристонидани ариза ё шикоят оид ба дохил кардани бача ба кӯдакистон ё мактаб ба **Комитети таҳсилоти умумӣ ва касбии вилояти Ленинград мурочиат кунед**:

сайт:www.edu.lenobl.ru

e-mail: office_edu@lenreg.ru

тел.: 8 (812) 539-44-50, 8 (812) 539-50-90

Дар бораи мушкилоти дохил кардани бача ба муассисаҳои таълимӣ метавонед ба дастгоҳи **Ваколатдори ҳуқуқи кӯдак дар вилояти Ленинград мурочиат кунед:**

сайт: 47deti.ru

e-mail: mail@47deti.ru

тел.: 8 (812) 400-36-49, 8 (812) 710-00-15

Агар бача барои таҳсил дар мактаби русӣ тайёр набошад, забони русиро нағз надонад, бо бачаҳои рус дуруст муошират карда натавонад, ба **ташкилоти ҷамъиятии «Дети Петербурга»** мурочиат кунед:

сайт: detipeterburga.ru

тел.: 8 (911) 773-77-87

Барои мустақилона омӯзондани забони русӣ ба бачаҳо аз ин манбаъҳо истифода кардан мумкин аст:

- портал Института русского языка им. А.С. Пушкина «Русский язык для наших детей» rus4chld.pushkininstitute.ru
- портал для поддержки русского языка в начальной школе ИМЦ Адмиралтейского района Санкт-Петербурга «Говоруша»: www.govorusha.adm-edu.spb.ru

## МУТОБИҚАТИ ИҶТИМОИЮ ФАРҲАНГӢ

Барои он ки Шумо зудтар бо муҳити Россия мутобиқ шавед, маслиҳат медиҳем, ки бештар бо аҳолии маҳаллӣ муошират кунед, дӯстон пайдо намоед, дар ҷашнҳо ва чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ ширкат варзед, ба кино, осорхонаҳо, театрҳо, китобхонаҳо равед.

Сатҳи дониши забони русиятонро ба воситаи ин сайтҳо ва замимаҳои мобилӣ баланд бардоред, масалан:

- Россия для всех (Таджикский) – замимаи мобилӣ барои омӯзиши забони русӣ, таърихи Россия ва асосҳои қонунгузор.



- TORFL GO – санҷиши тестии забони русӣ ҳамчун забони хориҷӣ ба воситаи замимаи мобилӣ.
- pushkininstitute.ru – портали «Образование на русском».

Чорабиниҳоро оид ба мавзӯъҳои байнимиллӣ дар вилояти Ленинград Комитети худидоракунии маҳаллӣ, муносибатҳои байнимиллӣ ва байнимазҳабии вилояти Ленинград, Хонаи дӯстии вилояти Ленинград, ташкилотҳои ҷамъиятӣ мегузаронанд. Маслиҳат медиҳем, ки дар ин чорабиниҳо иштирок кунед, то ки бештар мутобиқ шавед, дар бораи фарҳанг ва анъанаҳои маҳаллӣ бисёртар донед ва дӯстони нав пайдо кунед.

- **Комитет по местному самоуправлению, межнациональным и межконфессиональным отношениям Ленинградской области**

сайт:msu.lenobl.ru/ru

e-mail: msu@lenreg.ru

тел.: 8 (812) 539-52-33

- **Дом дружбы Ленинградской области**

сайт: forumnarodov47.ru

e-mail: ddlo47@mail.ru

тел.: 8 (812) 670-81-43

### Манбаъҳои муҳими иттилоотӣ

**migrantlenobl** – Замимаи мобилӣ ва сайт барои муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо «Добро пожаловать в Ленинградскую область!»

**migrussia.ru** – «Миграция и мигранты: информационный портал» (маслиҳатҳо барои мутобиқшавӣ ва дастгирии ҳуқуқии муҳоҷирон ва мутахассисони бо онҳо коркунанда)

**russia.study** – Сайти расмии Вазорати маориф ва илми ФР барои интихоби шаҳрвандони хориҷӣ барои таҳсил дар мактабҳои олии ФР

### Ёрии бепули ҳуқуқӣ

**БФ «ПСП-фонд»**

сайт:psp-f.org

тел.: 8 (812) 337-57-85, 8 (953) 141-31-09



Комитет по местному самоуправлению, межнациональным и межконфессиональным отношениям Ленинградской области

migrantlenobl

МАКТАБИ МУҲОҶИР

# Хуш омадед ба вилояти Ленинград!

# Ёрии тиббӣ ва иҷтимоӣ Таҳсили бачаҳо Мутобиқати иҷтимоӣ ва фарҳангӣ

## Маслиҳатҳо ба муҳоҷирони меҳнатӣ

2020

## ЁРИИ ТИББӢ

Барои гирифтани ёрии тиббӣ аз телефони мобилӣ ба рақамҳои **103 ё 112** занг занед.

**Дар ҳолати таҳдид ба ҳаёт ва саломатиатон ба Шумо ҳатман бояд ёрии таъҷилии тиббӣ расонанд, ҳатто Шумо полиси тиббӣ ва ҳуҷҷат надошта бошед ҳам!**

Барои истифода бурдани хизмати тиббӣ Шумо бояд полиси суғуртаи ихтиёрии тиббӣ (ДМС) гиред.

Полиси СИТ (ДМС) чунин ҳуқуқҳо медиҳад:

- ёрии таъҷилӣ дар дармонгоҳ, бемористон;
- ёрии таъҷилӣ ва фаврии тиббӣ;
- дигар хизматҳои дар шартномаи СИТ (ДМС) нишондода.

> **!** *Нархи полиси СИТ аз намудҳои хизматрасонии дар он сабтшуда ва мӯҳлати амали он вобаста аст. Полиси арзонтарин барои муҳоҷирони меҳнатӣ маъмулан фақат ёрии таъҷилӣ ва фаврии тиббиро дар дармонгоҳҳо ва бемористонҳои давлатӣ дарбар мегирад.*

> **!** *Полиси СИТ барои бачаҳои шаҳрвандони хориҷӣ маъмулан аз суғуртаи тиббии калонсолон қиматтар аст. Махсусан полисҳои СИТ барои кӯдакони ширхора ва навзодон қиматтар аст, зеро онҳо нисбатан бештар касал мешаванд ва табобати онҳо низ қимат мебошад. Полиси СИТ-ро инчунин ҳангоми қабули бача ба мактаб ҳам талаб карда метавонанд. Дар хотир доштан муҳим аст, ки ёрии таъҷилии тиббӣ дар ҳар сурат бепул расонида мешавад!*

> **!** *Агар зан пеш аз таваллуд ва ҳангоми таваллуд ёрии нақшавии тиббӣ гирифтан хоҳад, дар вақти таҳияи полиси СИТ инро бояд гӯяд, зеро барои ин барномаи махсуси суғурта талаб карда мешавад.*

Барои гирифтани полиси СИТ чунин ҳуҷҷатҳо талаб карда мешаванд:

- шиноснома ва тарҷумаи ба воситаи нотариус тасдиқшудаи он;
- корти муҳоҷират ва нусхаи он;
- огоҳномаи сабти муҳоҷират (регистратсия) ва нусхаи он.



Полиси СИТ-ро дар идораҳои ширкатҳои суғурта ва шуъбаҳои «Почтаи Россия» ба расмият даровардан мумкин аст.

Агар Шумо полиси СИТ-ро ба воситаи корфармои худ расмӣ кунонед, ба Шумо иловатан боварихат аз тарафи роҳбари ташкилотатон бо ҳуқуқи имзокунӣ лозим мешавад.

**Шаҳрвандони давлатҳои аъзои ИИАО (ЕАЭС), ки дар Россия дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ кор мекунанд, метавонанд полиси суғуртаи ҳатмии тиббӣ – СҲТ (ОМС) гиранд.**

Барои гирифтани полиси СҲТ муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Беларус ва Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон бояд ташкилоти суғуртаи тиббиро интихоб кунанд, ки ин корро маъмулан дар дармонгоҳи маҳалли зист анҷом додан мумкин аст.

Барои гирифтани полиси СҲТ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият;
- СНИЛС;
- шартномаи меҳнатӣ;
- қисми буридаи варақаи огоҳномаи воридшавӣ (регистратсия) ё нусхаи он бо нишондоди ҷой ва мӯҳлати омадан.

Ба шаҳрвандони ИИАО, ки дар ФР кор мекунанд, полиси СҲТ **дар шакли когазӣ дода мешавад ва мӯҳлати амали он** – то охири соли тақвимӣ, аммо на бештар аз мӯҳлати амали шартномаи меҳнатӣ мебошад.

Полиси СҲТ-ро инчунин инҳо метавонанд гиранд:

- шаҳрвандоне, ки иҷозати истиқомати муваққатӣ (РВП) доранд;
- шаҳрвандоне, ки иҷозати истиқомат (ВНЖ) доранд;
- шаҳрвандоне, ки шаҳодатномаи пешниҳоди паноҳгоҳи муваққатӣ доранд;
- гурезаҳо.

Ҳатман рақами телефон ва номи ташкилоти суғуртаро, ки ба Шумо полиси СИТ ё СҲТ додааст, дар ёд доред – агар полисатон гум шавад, Шумо метавонед ба ширкати суғурта муроҷиат карда, онро барқарор намоед, ё гирифтани онро ҳангоми зарур шудани ёрии таъҷилӣ тасдиқ кунед.



**Нусхаи полиси суғуртаро бо худ доштан дар сурати гум шуданаш муҳим аст.**

Барои гирифтани маълумот дар бораи онҳое, ки ёрии таъҷилӣ бурдааст, ба бюрои сабти ҳодисаҳои ноҳуш дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград муроҷиат кунед: 8 (812) 573-66-66, 8 (812) 573-66-63.

Агар ёрии таъҷилӣ бо занги Шумо наояд ва ё аз табобати Шумо саркашӣ кунад, ба телефони шикоятҳо аз ёрии таъҷилӣ занг занед: 8 (812) 456-11-33 (вилояти Ленинград).

Дар ҳолати пеш омадани мушкилоти гирифтани ёрии тиббӣ ба «хатти доғ"-и Вазорати тандурустӣ занг задан мумкин аст: 8 (800) 200-03-89.

**Дар давраи пандемияи коронавирус** чораҳои махсуси эҳтиётиро риоя кардан зарур аст.

Бо иттилооти тиббии марбут ба чораҳои пешгирӣ ва табобат ва маълумот оид ба режими махсуси будубоши шаҳрвандони хориҷӣ дар давраи пандемия дар ин сайтҳо шинос шудан мумкин аст:

стопкоронавирус.рф

https://lenobl.ru/ru/minus-koronavirus/

- **Комитети тандурустии вилояти Ленинград** (дар бораи мушкилоти гирифтани ёрии тиббӣ):

  сайт:health.lenobl.ru

  e-mail:tzmk.lenobl@mail.ru

  тел.:8 (812) 679-60-04
- **Мақомоти ҳудудии Росздравнадзор дар ш. Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград** (дар бораи мушкилоти гирифтани ёрии тиббӣ):

  сайт:78reg.roszdravnadzor.gov.ru

  e-mail:info@reg78.roszdravnadzor.gov.ru

  тел.: 8 (812) 314-67-89

## ЁРИИ ИҶТИМОӢ

Шаҳрвандони хориҷии дорои иҷозаи истиқомат дар ФР (инчунин аъзои оилаи онҳо), ҳамчунин шаҳрвандони хориҷии аъзои оилаи шаҳрвандони ФР ба гирифтани ёрии иҷтимоӣ ҳуқуқ доранд.



Барои гирифтани ёрии иҷтимоӣ ба Марказҳои маҷмӯии ноҳиявии хизматрасонии иҷтимоии аҳолӣ (КЦСОН) дар ҷои сабти ном (регистратсия) ё ба мақомоти давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар маъмурияти ноҳияи худ муроҷиат кунед.

- **Комитети ҳифзи иҷтимоии аҳолии вилояти Ленинград** (гирифтани ёрии иҷтимоӣ):

  сайт:social.lenobl.ru

  e-mail:ktszn@lenreg.ru

  тел.: 8 (812) 539-46-46
- **Телефони ягонаи иҷтимоӣ дар вилояти Ленинград:** 8 (812) 225-27-70

## ТАҲСИЛИ БАЧАҲО

Бачаҳои шаҳрвандони хориҷӣ ба мисли бачаҳои шаҳрвандони ФР, ҳуқуқ доранд, ки ба кӯдакистонҳо ва мактабҳои давлатӣ шомил шаванд.

**Волидони бачаҳои синни мактабӣ мувофиқи қонун уҳдадор ҳастанд, ки бачаро ба мактаб диҳанд!**

Бачаҳо дар ФР бояд қонунӣ истиқомат кунанд, яъне корти муҳоҷират дошта, сабти ном шуда бошанд (дар ҷои истиқомат регистратсия дошта бошанд).

**Бачаҳои шаҳрвандони хориҷӣ, ки ба синни 18-солагӣ нарасидаанд, дар ФР ҳуқуқи кор кардан надоранд!**

Маслиҳат медиҳем, ки бачаро ба кӯдакистон ва мактаб барвақттар, пешакӣ номнавис кунед, қабул ба кӯдакистон ва синфи якуми мактаб аз феврал-апрел барои соли хониши оянда (аз 1 сентябр) оғоз меёбад.

Барои дохил шудан ба кӯдакистон ё синфи якуми мактаб ба маркази бисёрҷабҳа (МФЦ) – и ҷои сабти ном (регистратсия) муроҷиат кунед. Рӯйхати марказҳои бисёрҷабҳа дар ноҳияҳои вилояти Ленинградро дар ин сайт бинед: mfc47.ru тел.: 8 (800) 301-47-47.

Барои дохил шудан ба мактаб ба шуъбаи маорифи ноҳия муроҷиат кунед. Барои пайдо кардани суроғаҳои робитавии шуъбаи маорифи ноҳияи худ аз сайт ва замимаи мобилӣ истифода баред: migrantlenobl.ru